Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Шарифбек Мурод дар мавзуи «Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯй иихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст. (Душанбе, 2023. - 38 саҳ)

Муқовимати коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳукумати мамлакат мақсаду мароми худро дар ин самт сол ба сол тақвият бахшида, чораҳои пешгирикунандаро дар назария ва амалияи муқовимати коррупсияи мамлакат мукаммал ва пурзур намудааст. Дар ин баробар, таъсисёбии Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсия ва дар сатҳи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ташкил намудани комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро ба миён меоварад, аз зумраи дигар тадбирҳои судманд мебошад.

Бояд қайд намоем, ки бо эҷод ва қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ва мукаммал кардани як қатор қонунҳои кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ заминаи ҳуқуқии муқовимат бо коррупсияро васеъ гардонида, фаъолияти субъектони бевоситаи муқовимат ба коррупсия ва зуҳуроти ба он алоқамандро пурзӯр кард. Дар баробари ин, се маротиба қабул ва роҳандозӣ гардидани «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012», «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» ва «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», кафолати ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас буда, боиси аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани ташаккули сиёсати зиддикоррупсионии кишвари мо гардид.

Дар баробари ин, даврони соҳибистиқлолии кишвар бо назардошти рушд ёфтани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ шаклҳои нави ҷинояткориро тавлид кард, ки ин дар якҷоягӣ бо заминаи қонунгузории дар боло зикршуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 02 ноябри соли 2013, таҳти №492 ва

«Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028»–ро аз 06 феврали соли 2018, тахти №1005 қабул намуд. Санадҳои номбурда ҷузъи муҳими низоми огоҳонидани коррупсия ба ҳисоб рафта, самаранокии фаъолияти субъектони муқовиматбарандаро баланд мебардорад.

Ҳамаи ин масъалаҳо дар таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Шарифзода Ш.М., пешбинӣ гардида, ба паҳлӯҳои норавшани пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ аз нигоҳи мантиқ, мазмун, назария ва амалияи ҳуқуқ равшанӣ андохта шудааст, ки онҳо дорои аҳамияти муҳими ҳуқуқӣ доранд.

Бояд қайд намоем, ки муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шуда, ҳаматарафа ва мушаххас намудан, шаффоф будан, сода ва фаҳмо ифода ёфтани меъёрҳои он кафолати таъмини қонуният ва мустаҳкам гардонидани низоми давлатдорӣ мебошад.

Бинобар ин, танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар мавзуи «Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби диссертант Шарифзода Ш.М., ки дар заминаи он автореферати диссертатсия ба забонҳои тоҷикию русӣ, бо иловаи мақолаҳои илмӣ ва аннотатсия таҳия шуда, дар он хулосаю тавсияҳои судманд, ҷиҳати чораҳои пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

Мувофиқи таҳлилҳои омории нишондодашудаи автореферати диссертатсия шумораи ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Тоҷикистон афзоиш ёфта, зарурияти пешгирӣ ва муқовиматро ба миён овардааст. Тибқи ин таҳлил соли 2017 – 639 ҷиноят, соли 2018 – 735 ҷиноят, 2019 – 701, соли 2020 – 461ҷиноят, соли 2021 – 630 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст (саҳ.3).

Муаллиф иброз доштааст, ки ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба амнияти миллӣ ва иқтидори иқтисодии давлат таҳдидро ба вуҷуд меоварад. Бинобар ин, пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунандаро дар тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пеш аз ҳама дар низоми мақомоти давлатӣ яке аз самтҳои асосии муқовимат бо коррупсия арзёбӣ намудааст.

Муаллиф дар таҳлили мушкилотҳои мавҷудаи пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса намудааст, ки набудани назорат, аз ҷумла назорати ҷамъиятӣ аз болои мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ яке аз омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия

мебошад. Аз ин лиҳоз, аз диссертант пурсида мешавад, ки оид ба тартиби бурдани назорати ҷаъмиятӣ нисбат ба мақомотҳои давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ андешаҳои худро зимни ироаи марузаи худ дар рафти ҳимояи мавзуъ шарҳ диҳанд.

Таҳқиқотбаранда дар кори илмӣ вожаҳои гуногуни илми криминологияро истифода бурдааст, ки бевосита мавриди кироат кардани диссертатсия шавқи зиёд ба вуҷуд меорад. Дар ин ҷода, аз фурсати муносиб истифода бурда, бояд зикр намоем, ки таҳқиқотчи на хама вақт дуруст ва ба маврид вожаҳои мазкурро истифода мебарад. Аз ин ру, хуб мешуд, ки муаллиф мафҳуму муҳтавои вожаҳои калидии дар диссератсия истифода бурдаро маънедод мекард. Мисол, вожаи пешгирии ҷиноят танҳо дар давраҳои содир кардани ҷиноят (тайёри ва сӯиқасд) ҷой дорад, огоҳонидани ҷиноят бошад тибқи назарияи илми криминология ва ҳуқуқи ҷиноятӣ новобаста аз давраҳои содиршавии ҷиноят истифода бурда мешавад. Ё ин, ки калимаи “мубориза” бинобар сабаби ифода намудани “бурд ё бохт кардан” алакай дар назарияи Сиёсати зиддиҷиноӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода намешавад ва бар ивази ин муаллифони пешрафт вожаи муқовиматро зикр менамоянд.

Новобаста аз ин камбудиҳои хурди мавҷуда, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҷрибаи амалию назариявӣ, таърихӣ, мантиқӣ, системавӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо анҷом дода шудааст.

Эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун мустаҳкам намуда, яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб меёбанд.

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳавӣ оид ба огоҳонидани ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди василаҳои (механизмҳои) ҳимояи ҳуқуқи инсон аз зарари молиявию маънавӣ, таълим дар риштаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия, ки сохтори он аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиётҳо ва замимаҳо бо ҳаҷми 227 саҳифа таҳия гардидааст, муаллиф 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Моҳияти махсуси диссертатсия дар он аст, ки муаллиф дар мақолаҳои интишорнамудаи худ мушкилиҳои мавҷударо баррасӣ кардааст. Ғайр аз ин оид ба мавзуъи матраҳшаванда дар конфронсҳои дохиличуҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯза баромад намудааст.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Шарифзода Шарифбек Мурод фарогири пурраи таҳқиқоти мазкур буда, дар он масъалаҳои гузошташуда аз лиҳози илмӣ пайдарпай баррасӣ гардида, мантиқан ҳаллу фасли худро ёфтаанд ва сазовори баҳои баланд мебошанд.

Бо дарназар доштани гуфтаҳои болозикр, бояд хулоса намуд, ки диссертатсияи илмии омоданамудаи Шарифзода Ш.М., дар мавзуи «Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар ҶумҳурииТоҷикистон», кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Сардори МДТ Коллеҷи милитсияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
(бо қароргоҳ дар шаҳри Кулоб)
н.и.ҳ, полковники милитсия Умари Х.А.

**Имзои Умари Х.А.-ро тасдиқ мекунам:**
Нозири калони ГК ва КҲШ
МДТ Коллеҷи милитсияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
(бо қароргоҳ дар шаҳри Кулоб)
майори милитсия Ибодуллозода И.И.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроға:** МДТ Коллеҷи милитсияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қароргоҳ дар шаҳри Кулоб) (735360 в.Хатлон, ш.Кулоб, кӯчаи Аҳмад Абдураҳмонов-33, Тел (факс): 83322 2-30-93 факс: 2-30-98 e-mail: kolledzhvkd.kulob@mail.ru

02.02.2023с.